# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзӯи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 08.00.07 - молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода Б.М. (раиси комисия), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳикматов У.С. (аъзо) ва доктори илмҳои иқтисодӣ Обидов Ф.С. (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 06.04. 2024, суратмаҷлиси № 68б таъсис дода шудааст, диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзӯи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровардаанд:

1. **Муҳимияти мавзуи таҳиқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзӯи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки асосҳои назариявӣ - методӣ, таҳлили вазъи рушди маблағгузории хурд ва таъсири он ба паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин самтҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурдро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

Ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар заминаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ичунин дар ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд, дар шароити муосир ҳамчун яке аз сарчашмаҳои дастрасӣ ба маблағҳо барои рушти соҳибкорӣ, инчунин соҳаи саноат ва дигар соҳаҳои алоқаманд ва умуман рушти устувори иқтисоди миллӣ, ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ самти афзалиятнок маҳсуб меёбад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва Тоҷикистон нишон медихад, ки он ҳамчун воситаи асосии паст кардани сатҳӣ камбизоатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди соҳибкорӣ ва баландгардидани сатҳи зиндагии мардум мебошад. Маҳз дар солҳои аввали истиқлолияти Тоҷикистон вазъи

мебошад. Маҳз дар солҳои аввали истиқлолияти Тоҷикистон вазъи иҷтимоии-иқтисодӣ вазнин гардида, сатҳи камбизоатӣ дар байни аҳоли хело афзуда, зиёда аз 81% (1999) ташаккул дод. Дар марҳилаи аввал бо дасгирии ташкилотҳои байналхалкӣ дар самти пасткунии сатҳи камбизоатию кашшокӣ ёрии амалӣ расонида, аҳоли бо маводи озуқа таъмин мешуд. Дар марҳилаи дувум бо кушишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ барои додани қарзҳои хурд шурӯъ карда, дар марҳилаи сеюм- ташаккули бахши маблағгузории хурди дар сохтори низоми бонкии ватани амалӣ карда шуд. Ин ҳолат боиси он гардид, ки дар ҷумҳурӣ сатҳи камбизоатӣ то 21,2 % дар с. 2023 кам карда шуда, рушти соҳибкории хурд таъмин карда шавад.

Дар марҳилаи муосир теъдоди ташкилотҳои маблатгузории хурд кам гардида, инчунин ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои сектори воқеии иқтисодиёт тамоюли пастравӣ дошта, ҳаҷм ва сатҳи карздиҳои истеъмолӣ афзуда истодааст.

Аз ин лиҳоз, равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир яке аз самтҳои муҳими тадқиқотҳои илмии замони муосир мебошад. Бинобар он, омӯзиш муаммоҳои илмӣ ва ҳалли онҳо, коркарди пешниҳоди тавсияҳои илман асоснокшуда, ҷиҳати дуруст такмил додан ва самаранок ба роҳ мондани ҷараёни қарздиҳии хурд дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ дар шароити муосир хамчун воситаи асосии рушди соҳаҳои бонкӣ ва таъмини аҳоли бо ҷои кор, даромад ва ноил гаштан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мубрамияти махсус пайдо кардааст. Гуфтаҳо боло аз муҳим ва рузмарра будани мавзуи таҳқиқот шаҳодат медиҳанд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гадрдида, дар кафедраи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шудааст.

3. Хулоса дар кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

4. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34–и Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

молия ва низоми бонкдорӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

5. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.07 - молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ки вобаста аз он ба шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 – юми декабри соли 2021, таҳти №349 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

6. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 7,5 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 4,6 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

7. Дар диссертатсияи Вазирзода Д.Р. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъҳаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

8. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Вазирзода Д.Р. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чопнагардида мавҷуд нест.

9. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ва бандҳои 67, 69, 74 ва 75, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Шариф Раҳимзода**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- **Султонов Зубайдулло,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар диссертатсия Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Шарифзода Б.М.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ Ҳикматов У.С.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шӯрои диссертатсионӣ Обидов Ф.С.